**ХУЛОСАИ**

**комиссияи экспертии Шурои диссертатсионии 6D.KOA-036-и назди Муассисаи давлатии таълимии “Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода ба диссертатсияи Умаралиева Таҳмина Мирзоалиевна дар мавзуи «Таҳлили муқоисавии истилоҳоти кишоварзӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ» (ғалладона, олоти меҳнат ва омилҳои марбути онҳо), ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10-02-20 — Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ**

Комиссияи ташхис дар ҳайати доктори илмҳои филологӣ Каримов Ш.Б. (раис), доктори илмҳои филологӣ, профессор Матробиён С.Қ. (аъзо) ва номзади илмҳои филологӣ, дотсент Ҳасанова Ш.Р. (аъзо) оид ба рисолаи пешниҳодшуда ба чунин хулоса омаданд:

Диссертатсияи **Умаралиева Таҳмина Мирзоалиевна дар мавзуи «Таҳлили муқоисавии истилоҳоти кишоварзӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ» (ғалладона, олоти меҳнат ва омилҳои марбути онҳо)** ба таҳлили луғавию маъноӣ, сохтории истилоҳоти кишоварзӣ, махсусан зироатҳои ғалладона, олотҳои меҳнат, феълҳо ва маросиму сунатҳои мансуб ба соҳаи кишоварзӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ, хусусиятҳои фарқкунандаи ин гурӯҳи калимаҳо аз лиҳози муқоисавӣ бахшида шудааст.

**Мубрамии мавзуи таҳқиқ.** Дар забоншиносии муқоисавӣ масъалаҳои сохториву маъноӣ ва семантикӣ ҷойгоҳи вижаи худро доранд. Бинобар ин, пажуҳишҳои муосири забоншиносӣ бидуни қиёси объектҳои омӯхташаванда имконнопазир мебошад. Муносибати байниҳамдигарӣ, муштарак будани бархе аз истилоҳот, муқоисаву муқобилагузории калимаҳо, шаклу сохтори онҳо шарти муҳимму асосии муайян намудани хусусиятҳои онҳо ва муқаррар кардани меъёрҳояшон ба ҳисоб меравад.

Унсурҳои асосии қиёси забонҳо, аз ҷумла забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ ин ошкор намудани нишонаҳои монанд ва фарқкунандаи калимаву истилоҳоти муқоисашавандаи забон мебошанд.

Солҳои охир таваҷҷуҳи муҳаққиқон ба омӯзиши забонҳои хориҷӣ, хосатан забони англисӣ зиёд шудааст. Роҷеъ ба муқоисаи масъалаҳои гуногуни забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ пажуҳишҳои зиёде ҳам ба анҷом расидааст. Бо вуҷуди ин, баъзе мавзуъҳо ба таври мукаммал омӯхта нашудаанд, ки интихоби мавзуи таҳқиқи мо ҳам ба ҳайси диссертатсияи алоҳида, пеш аз ҳама, ба мавриди баррасӣ қарор нагирифтани он

марбут аст. Пажуҳиши муқоисавии калимаҳои соҳаи кишоварзии забонҳои тоҷикиву англисӣ аз нигоҳи вазъи кунунӣ яке аз масъалаҳои мубрами забоншиносӣ ба шумор меравад.

Мубрам будани таҳқиқи диссертатсионии мазкурро аҳаммияти назариявию амалии омӯзиши хусусиятҳои сохториву маъноӣ ва семантикӣ аз лиҳози системавӣ ва қиёсӣ муайян месозад.
Омӯзиши муқоисавии калимаву истилоҳоти соҳаи кишоварзӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ барои ошкор сохтани омилҳои забоншиносӣ, мардумшиносӣ ва этнолингвистӣ мусоидат менамоянд.

Таҳлил ва таҳқиқи вижагиҳои сохториву маъноии истилоҳоти кишоварзӣ ва муқоисаи онҳо бо забонҳои дигар дар забоншиносӣ яке аз масъалаҳои мубрам ба ҳисоб рафта, ба воситаи баррасии хусусиятҳои он паҳлуҳои гуногуни қабатҳои луғавии забонҳои муқоисашавандаро ошкор намудан мумкин аст.

**Аҳаммияти назарии** таҳқиқ дар он инъикос меёбад, ки натиҷаҳои илмии он имконоти назариявии донишмандони забоншиносро дар бахши таҳқиқи истилоҳоти кишоварзӣ такмил хоҳанд дод. Инчунин дар баррасии вижагиҳои сохториву маъноии луғоти соҳаи кишоварзӣ ҳамчун заминаи илмӣ нақши муҳимро ба ҷо хоҳанд овард. Кори диссертатсионӣ, ҳамчунин, барои ташаккули минбаъдаи таҳқиқи муқоисавии калимаву истилоҳоти кишоварзӣ, аз ҷумла зироатҳои ғалладона ва истилоҳоти мансуби онҳо дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ асосҳои назариявӣ фароҳам меоварад. Дастовардҳои кори таҳқиқотии мавриди пажуҳиш метавонад ҳангоми таҳияи китобҳо, махсусан тарҷумаи онҳо аз забони тоҷикӣ ба забони англисӣ ва ё баръакс, инчунин баррасии воҳидҳои луғавӣ ва грамматикаи забон истифода гарданд.

**Аҳаммияти амалии таҳқиқ** дар он зоҳир мешавад, ки натиҷаҳои он барои таълиму тадриси фанҳои лексикология, морфология, грамматика дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва миёнаи умумӣ мавриди баҳрабардорӣ қарор гирад. Инчунин маводи мавриди таҳқиқро метавон ҳангоми таҳия ва тартиб додани фарҳангҳои терминологии тоҷикиву англисӣ, таълифи луғатҳои тафсирӣ ва соҳавӣ ба кор бурд.

Маводи диссертатсия дар навиштани китобҳои дарсӣ, дастуру воситаҳои таълимӣ оид ба таърихи забонҳои муқоисашавнда, лексикология, таҳқиқоти муқоисавӣ ва типологии забонҳои дигар истифода гарданд. Бахшҳои ҷудогонаи диссертатсияро ҳамчун маводи боэтимод ҳангоми хондани семинарҳои махсус роҷеъ ба масъалаҳои лексиология, семантика дар факултетҳои филологӣ ва забонҳои хориҷии мактабҳои олӣ истифода бурдан мувофиқи матлаб мебошад.

Ҳамин тавр, аҳаммияти амалии таҳқиқ дар он инъикос мегардад, ки хулоса ва натиҷагириҳои диссертатсия метавонад, дар шаклгирии корҳои илмии марбут ба пажуҳишҳои муқоисавӣ ва луғатнигорӣ ба кор раванд.

Бо ҳамин мақсад ҷанбаҳои махсуси таҳқиқи мазкурро дар чунин самтҳо метавон истифода кард:

- барои таҳияи мавод дар баррасии масъалаҳои забоншиносии муқоисавӣ, лексикология, маъношиносӣ, фарҳангнигорӣ;
-барои такмили фарҳангҳои тафсирии забонҳои тоҷикиву англисӣ, соҳавӣ ва тахассусӣ.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Диссертатсияи мавриди таҳқиқ таҳти унвони “Таҳлили муқоисавии истилоҳоти кишоварзӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ” (ғалладона, олоти меҳнат ва омилҳои марбути онҳо) ба шиносномаи ихтисоси илмии 10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯи ихтисос мувофиқат мекунад.

**Навгонии мавзуи таҳқиқ**. Нававарии бахшҳои мавзуъ аз он иборат аст, ки бештари масъалаҳои мавриди пажуҳиш дар забоншиносии тоҷик, дар муқоиса бо забони англисӣ бори нахуст баррасӣ мешавад. Масъалаҳои ба нақшаи таҳқиқ воридшуда дар забоншиносии тоҷик дар шакли диссертатсияи ҷудогона аввалин бор ба риштаи пажуҳиш даромадааст, ки масъалаҳои зеринро фаро мегирад:

- вожаҳои ба зироатҳои ғалладона, навъҳои онҳо, мафҳуми дарза, ҷой ва тарзи кӯфтани ғалла, калимаҳои ба рӯбучин ва бод додани ғаллаи куфташуда ва амсоли инҳо муайян ва тавзеҳ дода шудаанд;
- хусусиятҳои монанд ва фарққунандаи истилоҳоти кишоварзии забонҳои муқоисашаванда аз ҷиҳати сохтор ошкор гардидаанд;
- вижагиҳои сохторӣ ва семантикии вожаҳои кишоварзӣ, маросимӣ, суннатӣ, олотҳои меҳнат ва тарзи корбурди онҳо муайян шудааст;
- равиши нав дар мавриди тавзеҳи маъно, ки дар ин хол мафҳуми кишоварзӣ ба воситаи феълҳо муайян гардидааст, коркард шуд.

Диссертатсия аз муқаддима, ду боб, хулоса, тавсияҳо ва рӯйхати адабиёт иборат аст.

Дар муқаддимаи диссертатсия роҷеъ ба мубрамии мавзуи таҳқиқот, дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ, робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо), мавзуъҳои илмӣ, мақсади таҳқиқот, вазифаҳои таҳқиқот, объекти таҳқиқот, мавзуи таҳқиқот, асосҳои назариявии таҳқиқот, заминаҳои эмпирикӣ, пойгоҳи таҳқиқот, навгонии илмии таҳқиқот,

нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот, мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ, саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот, тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия, интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия, сохтор ва ҳаҷми диссертатсия маълумот дода мешавад.

Боби якуми диссертасия - “Истилоҳоти марбути зироатҳои ғалладона дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ” унвон дошта, дар он истилоҳи кишоварз ва муодулҳои он мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Дар ин боб зироатҳои ғалладона ба ду гурӯҳ: а) зироатҳои хӯшадор; б) зироатҳои ғилофакдор дастабандӣ гардида, таҳлилу таҳқиқ шудаанд. Инчунин, мафҳуми дорза, ғарами алаф,тӯдаи алафу зироатҳои ғалладона; ҷой ва тарзи кӯфтани бунёдии зироатҳои ғалладона дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ ба риштаи пажуҳиш даромадааст.

Дар боби дуюми диссертатсия “Хусусиятҳои сохториву маъноии истилоҳоти кишоварзӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ” нақши олоти меҳнат ва раванди корбурди онҳо дар соҳаи кишоварзӣ; вожаҳои мансуб ба юӯу испор ва номи қисматҳояшон; феълҳои марбут ба соҳаи кишоварзӣ; калимаҳои маросимиву суннатии мансуби кишоварзӣ дар муқоиса бо забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ  таҳқиқ шудааст.

Лозим ба зикр аст, ки муаллифи диссертатсия дар охири ҳар як боб хулосаҳои худро ба таври мушаххас баён намудааст.

**Тасвиби амалии натиҷаҳои таҳқиқ.** Таҳқиқи мазкур натиҷаи ҷустуҷӯ ва заҳмати беандозаи муҳаққиқ маҳсуб ёфта, мазмуну мундариҷаи диссертатсия дар 5 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи феҳристи КОА ҶТ ва 5 мақолаи дигар дар ҳамоишу конфронсҳои ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ ва байналмилалӣ пешниҳод гардидааст. Мақолаҳои илмии интишорёфтаи муаллиф ва теъдоди маводи чопшуда ба талаботи бандҳои 34 ва 35-и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ» мувофиқат менамоянд.

**Методҳои таҳқиқот.** Дар таҳқиқоти мазкур методҳои таснифот, тасвирӣ-аналитикӣ, синхронӣ ва диахронӣ, муқоисавӣ-таърихӣ, таҳлил ва синтези маводи назарӣ аз рӯйи мавзуъ, мушоҳида, муқоиса ва хулосабарорӣ истифода шудаанд.

Диссертатсияи Умаралиева Таҳмина Мирзоалиевна аз он ҷиҳат ҷолиби таваҷҷуҳ аст, ки ба таҳқиқоти илмии забоншиносии муосир такя карда, дар он аз методи муқоисавӣ-таърихӣ, усули ҳамзамонӣ, таҳлили луғавӣ-маъноӣ, сохторию этимологӣ  истифода шудааст.

Диссертатсия ба талаботи банди 31-35-и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26-уми декабри

соли 2020, тахти № 5/7.12 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад. Диссертатсия аз тарафи муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои мазмун ва мантиқи ягонаи дохилӣ мебошад. Натиҷа ва нуқтаҳои илмии барои ҳимоя пешниҳодшуда саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳанд.

Автореферати диссертатсия ва мақолаҳои нашрнамудаи диссертант фарогири мазмуну мухтавои диссертатсия мебошанд. Мақолаҳои илмии интишорёфтаи муаллиф ва теъдоди маводи чопшуда ба талаботи бандҳои 34 ва 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ мувофиқат менамоянд.

Дастовардҳои таҳқиқ ва моҳияти масъалаҳои меҳварӣ баён ёфта, дурнамои мавзуи кори диссертатсионӣ дар хулосаи диссертатсия зикр шудааст. Мубрамии мавзуи таҳқиқ, навгонии илмии диссертатсия ва арзиши амалии онро ба назар гирифта, комиссияи экспертӣ ба чунин хулоса омад, ки диссертатсияи Умаралиева Таҳмина Мирзоалиевна дар мавзуи "Таҳлили муқоисавии истилоҳоти кишоварзӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ" (ғалладона, олоти меҳнат ва омилҳои марбути онҳо) барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10-02-20 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ ба ҳимоя пешниҳод кардан мумкин аст.

Комиссияи экспертӣ дар асоси банди 60-и Тартиб додани дараҷаҳои илмӣ пешниҳод менамояд:

1. Диссертатсияи Умаралиева Таҳмина Мирзоалиевна дар мавзуи "Таҳлили истилоҳоти кишоварзӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ" (ғалладона, олоти меҳнат ва омилҳои марбути онҳо) барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ дар Шурои диссертатсионии 6D.KOA-036 назди Муассисаи давлатии таълимии "Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода" тариқи овоздиҳии ошкоро ба ҳимоя қабул карда шавад.

2. Комиссияи экспертӣ муҳаққиқони зеринро, ки корҳои илмӣ-таҳқиқиашон ба ихтисоси **6D021302 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ** мувофиқат мекунад, ба ҳайси муқарризони расмӣ пешниҳод менамояд:

**- Мухторов Зайнидин Мухторович**

- доктори илмҳои филологӣ, ректори Филиали Донишкадаи рушди Менеҷменти Сингапур дар шаҳри Душанбе;

**- Асоев Ҷоми Хайруллоевич** – номзади илмҳои филологӣ, мутахассиси шуъбаи равобити байналмилалии Донишгоҳи давлатии тиббии Хатлон

3. Ба сифати муассисаи пешбар **Донишгоҳи миллии Тоҷикистон** пешниҳод мешавад

4. Барои гузоштани эълони ҳимоя, матни диссертатсия ва автореферати он дар сомонаҳои Муассисаи давлатии таълимии “Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода” ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис ва ирсол гардидани он ба суроғаи таъйиншуда иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссияи экспертӣ:**
доктори илмҳои филологӣ, профессор,
аъзои Шурои дисссертатсионӣ Каримов Шуҳрат Бозорович

**Аъзоёни комиссияи экспертӣ:**
доктори илмҳои филологӣ, профессор,
аъзои Шурои дисссертатсионӣ Матробиён Саодатшо Қосимзода

номзади илмҳои филологӣ, дотсент,
аъзои Шурои диссертатсионӣ Ҳасанова Шаҳло Раҳмоновна
« » ___________________ соли 2025
Имзоҳои Ш.Б.Каримов, С.Қ.Матробиён
ва Ш.Р.Ҳасановаро тасдиқ менамоям:
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсус Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон
ба номи Сотим Улуғзода Юсупова Бибиҷон Ғаниҷоновна

**Нишонӣ:** 734019, ш. Душанбе, кӯчаи Муҳаммадиев, 17/6.
Муассисаи давлатии таълимии
«Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон
ба номи Сотим Улуғзода»
Тел.: +992 372325000, Факс: +992 372325003,Сомона: www.ddzt.tj